# СУРАТМАҶЛИСИ № 54

Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА -001

28-уми июни соли 2024 ш. Душанбе

<u>Иштирок доштанд</u>: аз 15 аъзои Шуро, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2021, №311/01шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд. Аз онҳо 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аъзои дигари Шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок иштирок надорад. Аксарияти аъзои Шурои диссертатсионӣ ҳузур доранд. Бинобар ин, Шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси Шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

## <u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>

**1.** Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи “Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

**2.** Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ Шоисматуллоев Ш. баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

## <u>ҚАРОР КАРДА ШУД:</u>

1. Диссертатсияи Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи “Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:
   – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Назарзода Пиралӣ Сафар
   – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Нуъмонов Ҷаъфар Мулкамонович
3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таъйин карда шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.
5. Санаи ҳимоя 20-уми сентябри соли 2024 таъйин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Зокиров Г.Н.

И.в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих Акрамӣ З.И.